«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_________ Хушвахтзода Қ.Х.
«_02_» _____11_____ соли 2023

# НИЗОМНОМАИ
озмуни умумидонишгоҳии мақолаи беҳтарин бахшида ба
ҷашни 2500-солагии шаҳристони Тахти Сангин
таҳти унвони «Тахти Сангин – ёдгории беназири гӯшаи диёр»

Душанбе – 2023

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Низомнома тартиби гузаронидани озмуни умумидонишгоҳии мақолаи беҳтаринро бахшида ба баргузории ҷашни 2500-солагии шаҳристони Тахти Сангин (минбаъд Озмун) ба танзим медарорад.

1.2. Озмун дар доираи «Нақшаи чорабинии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба баргузории ҷашни 2500-солагии шаҳристони Тахти Сангин» гузаронида мешавад.

1.3. Масъули баргузории Озмун Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

1.4. Ташкил ва гузаронидани Озмунро комиссияи тадорукотӣ муайян мекунад.

## II. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ ОЗМУН

2.1. Дар Озмун донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иштирок карда метавонанд. Барои иштирок дар Озмун муаллиф бояд маводи илмӣ – омавии худро бо ариза ва дархост (замимаи 1) ба комиссияи озмун пешниҳод намояд.

2.2. Шакли дархости пешниҳодгардида шарти ҳатмӣ дар Озмун ҳисоб карда мешавад.

2.3. Озмун дар як давр гузаронида мешавад. Дархостҳо барои иштирок дар Озмун то 5 декабри соли 2023 қабул карда мешаванд. Натиҷаҳои Озмун 12 декабри соли 2023 эълон мегардад.

2.4. Таърихи пешниҳоди дархост барои иштирок дар Озмун аз рӯзи санаи қабули мақола аз ҷониби комиссияи тадорукотии озмун ҳисоб карда мешавад.

2.5. Маводи ба Озмун пешниҳодшуда дар шакли хаттӣ бо имзои муаллифони мақола дар саҳифаи охирони он қабул карда мешавад.

2.6. Кумитаи тадорукотии Озмун оид ба ҷамъбасти озмун қарор қабул намуда, ғолибони Озмунро муайян мекунад

2.7. Маводи ба Озмун пешниҳодшуда бе тақриз қабул карда шуда, ба муаллифон бозпас гардонда намешаванд. Муайянсозии ғолибони Озмун қатъӣ буда, тағйир дода намешавад. Аппелятсия аз рӯйи натиҷаи Озмун қабул карда намешавад.

2.8. Дар Озмун маводе (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) қабул мешавад, ки қаблан нашр карда нашудааст.

2.9. Маводи пешниҳодгардида на камтар аз 7 саҳифа бояд дар компютер (ҳуруфи Times New Roman Tj ва Times New Roman ҳаҷми ҳарф 14, шакли қоғаз A4, фосилаи байни сатрҳо воҳидӣ, ҳошияҳо: болоӣ – 3см, поёнӣ– 2,5см, чап – 3см, рост – 2см) тамоми варақҳои мақола бояд рақамгузорӣ карда шаванд.

Аз болои саҳифа аз миёнаи сатри аввал номи мақола, сипас дар сатри дуюм ному насаби муаллифон ва дар сатри сеюм номи муассиса дарҷ карда шаванд.

## III. МЕЪЁРҲОИ БАҲОГУЗОРИИ МАВОД

3.1. Маълумоти дар мавод пешниҳодгардида бояд саҳеҳ ва мазмуну моҳияти илмӣ дошта бошад.

3.2. Мавзуи пешниҳодгардида ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон, ки ба 2500-солагии шаҳристони Тахти Сангин дахл меноmояд, бахшида шуда, таҳлили ҳамаҷониба шуда бошад.

## IV. ТАРТИБИ ҚАДРШИНОСИИ ҒОЛИБОНИ ОЗМУН

4.1. Мақолаи беҳтарин аз ҷониби Комиссияи озмун бо мукофот қадршиносӣ карда мешаванд.

4.2. Барои ҳавасманд намудани ғолибони озмуни мазкур мукофотпулӣ ба таври зайл муайян карда мешавад:

Ҷойи якум– 1500 сомонӣ

Ҷойи дуюм– 1000 сомонӣ

Ҷойи сеюм – 500 сомонӣ.

4.3. Иштирокчиёни фаъол аз ҷониби Раёсати Донишгоҳ бо Ифтихорнома қадрдонӣ мешаванд.

4.4. Мақолаҳои ғолибон дар нашрияи донишгоҳии «Ба қуллаҳои дониш» ба нашр расонида мешаванд.

Замимаи 1

Озмуни донишгоҳии мақолаи
беҳтарин бахшида ба
2500-солагии шаҳристони Тахти Сангин
таҳти унвони «Тахти Сангин-ёдгории
беназири гӯшаи диёр»

Дархост барои иштирок дар озмун

1. Номи мақола барои иштирок дар озмун
2. Н.Н. муаллифи мақола ва ҷойи кор
3. Таърихи навиштани мақола
4. Маълумоти тамосӣ
- рақами телефони мобилӣ
- E-mail